**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 07/2с

аз «13» 01 соли 2023

Вазорати рушди иқтисод ва
савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи намояндагони патентӣ” ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикршуда ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа аз ҷониби Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд.

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда – Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя гардидааст.

2. Дар лоиҳа уҳдадориҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла намояндагони патентӣ оид ба аз аттестатсия гузаштан, бақайдгирӣ дар Идораи патентӣ, таъмини касбият ва махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳо ҳангоми амалигардонии фаъолият, вуҷуд доранд.

3. Маҳдудиятҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла доштани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти олӣ ва донистани забонҳои хориҷӣ, пешбинӣ гардидааст.

4. Дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ масрафҳои иловагӣ вобаста ба супоридани пардохти муқарраргардида аз ҷониби намояндагони патентӣ барои ворид намудани маълумоти иловагӣ ба Феҳристи давлатии намояндагони патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашри маълумот дар нашрияи расмии Идораи патентӣ пешбинӣ гардидааст, ки ин ҳамчун масрафҳои беасос бароммад менамоянд. Барои татбиқи лоиҳа аз низоми буҷети Ҷумҳурии Точикистон маблағҳои иловагӣ талаб намегардад.

5. Лоиҳаи мазкур дорои камбудиҳои зерин мебошад:

1) Мафҳуми "намояндагони патентӣ" дар сархати якуми моддаи 1 ва қисми 1 моддаи 4 пешбинӣ шудааст, ки ин такрорёбии меъёр мебошад. Бинобар ин, муқаррароти зикргардида бо дарназардошти талаботи қисми 4 моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" таҷдиди назар карда шавад;

2) лоиҳа мутобиқати дохилӣ надошта, аз рӯи мантиқ тартиб дода нашудааст ва ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷавобгӯ намебошад;

3) қисми 2 ва 3 моддаи 3, қими 2 моддаи 4, моддаи 5, қисми 4 моддаи 10 ва қисми 2 моддаи 11 лоиҳа таҷдиди назар карда шаванд, зеро матни лоиҳа бо риояи услуби расмии забони адабӣ, сода ва равону фаҳмо баён карда нашудааст, ки ба тафсири ҳархелаи меъёрҳо мусоидат менамояд;

4) дар моддаи 7 лоиҳа калимаи "гузаштани" ба калимаи "гузаштан" иваз карда шуда, пеш аз калимаи "аттестатсия" калимаи "аз" илова намудан зарур аст;

5) ном ва муқаррароти моддаи 13 лоиҳа таҷдиди назар карда шаванд;

6) дар ҷумлаи дуюми қисми 2 моддаи 14 лоиҳа пас аз калимаи “қарорҳо” калимаҳои “мумкин аст” хориҷ карда шуда, калимаи “шаванд” ба “мешаванд” иваз карда шавад, зеро меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд мушаххас ва дар замони ҳозира ифода шуда, бештар дар шакли тасдиқӣ баён карда шаванд;

7) дар сархати шашуми моддаи 15 лоиҳа пас аз калимаи “сол” калимаи “мунтаззам” илова карда шавад;

8) дар сархати ҳаштуми моддаи 15 лоиҳа пас аз калимаи “амали” калимаи “он” хориҷ карда шуда, калимаҳои “намояндаи патентӣ” илова карда шаванд;

9) лоиҳа бо дарназардошти муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 такмил дода шавад;

10) лоиҳа бо дарназардошти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз июни соли 2021, №268 тасдиқ шудааст, такмил дода шавад. Аз ҷумла, матни забони тоҷикии лоиҳа ба матни забони русии он мутобиқ гардад. Дар матни забони тоҷикии лоиҳа моддаи 6 аз 8 қисм иборат буда, дар матни забони русӣ бошад аз 9 қисм иборат мебошад;

11) дар матни забони русии лоиҳа хатогиҳои грамматикӣ бартараф карда шаванд, аз ҷумла дар моддаҳои 3 ва 4, қисми 4 моддаи 6, қисми 2 моддаи 14 ва ғайра.

Лоиҳа бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳо такмил дода шуда, такроран ба Маркази миллии қонунгузорӣ барои хулоса пешниҳод гардад.

Директор Саидзода И.Ҳ.